# 21787 - Рӯзаи рӯзи Ошуро барои касе, ки қазои Рамазон дорад

**савол**

Ман рӯзаи қазоии Рамазон дорам ва ман мехоҳам, ки дар рӯзи Ошуро рӯза бигирам. Оё бароям рӯза гирифтани рӯзи Ошуро пеш аз қазоӣ ҷоиз аст? Ва оё бароям ҷоиз аст, ки дар рӯзи Ошуро ва ёздаҳум ба нияти қазои Рамазон рӯза бигирам ва аҷри рӯзаи Ошуро бароям ҳосил мегардад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал: Касе, ки рӯзаи қазои як рӯз ё якчанд рӯзе аз Рамазон дошта бошад, рӯзаи нофила намегирад. Балки аввал рӯзаи қазои Рамазонро адо мекунад, сипас рӯзаи нофила мегирад.

Дуввум: Агар дар рӯзи даҳум ва ёздаҳуми моҳи Муҳаррам ба нияти қазои рӯзҳое, ки дар Рамазон рӯза надошта буд, рӯза бигирад, ҷоиз аст ва он қазои ду рӯзе, ки (дар Рамазон) рӯза надошта буд, ҳисобида мешавад. Зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ҳаройина амалҳо ба ниятҳо вобастагӣ доранд ва ҳар шахс мутобиқи нияташ савоб ба даст меоварад".

Фатовои кумитаи доимӣ (11/401).

"Умед аст, ки бароят ҳам аҷри қазо ва ҳам аҷри рӯзаи он рӯз дода шавад".

"Фатово манори-л-ислом"-и Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) (2/358).